Бо қарори Шӯрои олимони
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
аз «___» ______ соли 2014, № ___
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
## низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## 1.Қоидаҳои умумӣ

1.Низомномаи мазкур мақсад, вазифа ва тартиби татбиқи низоми кредитии таҳсилотро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Донишгоҳ) муайян мекунад.

2.Низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва татбиқи Баёнияи Болония амалӣ карда мешавад.

3.Низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи низоми кредитии таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва бандҳои (26,32,40,42,44,46,47,51,52, 55,57,61,72,73,74,75,76,77, 78,131,141,161,162) Оиннома ва Низомномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ҳамчунин Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

## 2.Мафҳумҳои асосӣ

4. Мафҳумҳои асосии Низомнома:

**Тақвими академӣ** (Academic Calendar) - ҳуҷҷатест, ки дар он давраҳои ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои ташкилӣ (муаррифии фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ, бақайдгирии донишҷӯён), ҳафтаҳои таълими назариявӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) дар ҳар як давраи академӣ (семестрҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ), сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона), таҷрибомӯзиҳо, триместр ва таътил (зимистона ва тобистона) дар соли таҳсил бо нишон додани рӯзҳои истироҳат ва идҳо дарҷ мeёбанд.

**Давраи академӣ** (Term) - давраи муайяни таҳсил, ки аз тарафи Донишгоҳ (кафедраи тахассусӣ) муайян гардида, вобаста ба он маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд. Миқдори ҳафтаҳои таълими назариявӣ дар як давраи академӣ (Term) вобаста аз таҷрибаи

ҷаҳонии ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ ва бо назардошти хусусиятҳои миллӣ дар Донишгоҳ 16 ҳафтаро дар бар мегирад.

**Фанҳои ҳатмӣ** - гуруҳи фанҳои таълимие, ки омӯзиши онҳо тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои дар Донишгоҳ амалкунанда ҳатмӣ мебошад.

**Фанҳои интихобӣ** (элективӣ) - гурӯҳи фанҳои таълимие, ки барои самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ дар асоси алтернативӣ ва дархости кордиҳанда пешниҳод карда шуда, аз ҷониби донишҷӯ вобаста ба хоҳиши ӯ интихоб карда мешаванд.

**Барномаи кории фан** (Syllabus) - ҳуҷҷати асосии таълимию методие мебошад, ки дар он таснифоти фанни таълимӣ, мақсад, вазифаҳо ва мазмуни мухтасари он, мавзӯъ ва давомнокии машғулиятҳои дарсӣ, мавзуъҳои кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, намунаи супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён, саволномаҳои тестӣ, рӯз ва вақти гузаронидани машварат, талаботи омӯзгор нисбат ба азхудкунии барномаи таълимии фан, меъёри баҳогузорӣ, холҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷаримавӣ барои иҷрои тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ, номгӯи адабиёти ҳатмию иловагии истифодашаванда, ҷадвали гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, санҷишҳои ҷорӣ ва имтиҳонҳои фосилавӣ, рақами телефон ва суроғаи электронии омӯзгор дарҷ меёбанд.

**Кори мустақилонаи донишҷӯ** - ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона азхуд намудани барномаи таълимии фан аз рӯи мавзуъҳо ва супоришҳои алоҳида пешбинӣ шуда, аз ҷониби Донишгоҳ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ, ки дар шакли супоридани тестҳо, реферат, эссе, муаррифӣ (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ иҷро мегардад, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ду шакл иҷро карда мешавад:

-кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор;

-кори мустақилонаи донишҷӯ.

Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор - дар шакли корҳои таълимии аудиторӣ муқаррар карда шуда, бо ҷалби омӯзгорони фаннӣ тибқи ҷадвали гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, ки дар асоси пешниҳоди маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар мувофиқа бо садорати факултет аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда шудааст, гузаронида мешавад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ - ҳамчун фаъолияти берун аз аудитория мутақилона азхуд намудани маводи иловагии таълимӣ (супоришҳои хонагӣ оид ба мавзуъҳои алоҳида, навиштани реферат, омода намудани маводи муаррифишаванда), ҷамъоварии мавод барои таълифи кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис), рисолаи илмии магистр муқаррар карда шудааст.

**Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ** - низоми марҳила ба марҳила дар рафти машғулиятҳои дарсӣ, иҷрои кори мустақилона (кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва кори мустақилонаи донишҷӯ), супоридани имтиҳонҳои фосилавӣ) ҷамъ овардани холҳо аз тарафи донишҷӯён ва дар ин асос ба имтиҳони ҷамъбастӣ иҷозат гирифтани онҳо мебошад. Миқдори умумии холҳо барои иҷозат гирифтан ба имтиҳони ҷамъбастӣ бояд на камтар аз 25 хол муқаррар карда шавад. Дар асоси холҳои бадастовардаи донишҷӯён ифодаи ададӣ ва ҳуруфии дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ, сатҳи донишандӯзӣ ва натиҷаи фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад.

**Имтиҳони фосилавӣ** (рейтинг) - шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як давраи академӣ (нимсолаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ) ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ бо донишҷӯён аз рӯи фанҳое, ки дар нақшаи таълимии фардии онҳо дарҷ ёфтаанд, аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ (тибқи ҷадвали тасдиқгардида) гузаронида мешавад.

**Имтиҳони ҷамъбастӣ** - ҳамчун шакли ниҳоии назорат аз рӯи дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шуда, тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ барои ҳар як давраи академӣ дар баробари ба охир расидани ҳафтаҳои таълими назариявӣ, дар асоси фармоиши ректор оид ба тартиби ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) қабул карда мешавад. Имтиҳони ҷамъбастӣ бо истифода аз технологияи иттилоотӣ (компютер) ё ба таври анъанавӣ (шифоҳӣ, қабули корҳои хаттӣ, эҷодӣ) аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати онро ректори Донишгоҳ таъин менамояд, гузаронида мешавад.

**Апеллятсия** - амалест, ки бо мақсади муайян намудан ва ислоҳи баҳогузории ғайриобъектии гузошташуда ба дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён гузаронида мешавад.

**Триместр** - ҳамчун семестри иловагии таълими назариявӣ ва супоридани имтиҳонҳо муайян карда шуда, дар як соли таҳсил ду маротиба (дар давраҳои таътили зимистона - моҳҳои январ-феврал ва тобистона - моҳҳои июн-июл) гузаронида мешавад. Ба он донишҷӯёне, ки дар давраи асосии сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) аз фанҳои таълимӣ дорои қарзҳои академӣ гардидаанд, донишҷӯёне, ки барқарор мешаванд ва донишҷӯёне, ки дар асоси интиқолёбӣ аз дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба Донишгоҳ, аз як ихтисос ба ихтисоси дигар аз рӯи нақшаи таълимӣ фарқият месупоранд, роҳ дода мешаванд. Машғулиятҳо дар триместр мувофиқи натиҷаҳои давраи академӣ ва қарорҳои комиссияи барқарору интиқоли Донишгоҳ гузаронида мешаванд.

**Таҷрибаомӯзӣ** - ҳамчун ҷузъи муҳими иҷро намудани талаботи нақшаи таълимӣ аз рӯи самт (ё ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ муқаррар карда шуда, бевосита дар давоми соли таҳсил, дар баробари ба анҷом расидани давраи академӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Барои

дарёфти зинаҳои гуногуни таҳсилот (бакалавриат (мутахассис), магистратура, докторантура (доктор PhD)) тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои дар Донишгоҳ амалкунанда ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ, омӯзгорӣ (барои ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ) пешбинӣ карда мешавад.

**Сабақгардонӣ-** бо мақсади пурра омӯхтани барномаи таълимии фан дар ҳар як давраи академӣ (семестр) бинобар роҳ додани донишҷӯён ба зуҳуроти бесабаб дарсшиканӣ кардан, дар раванди таълим ва имтиҳонти фосилавӣ ба холҳои паст (камтар аз 50 хол) соҳиб шудани онҳо бо пешниҳоди Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ, садорати факултетҳо ва кафедраҳо амалӣ карда мешавад. Барои ташкил ва гузаронидани сабақгардонӣ омӯзгори фанни таълимӣ ва мудири кафедра масъул мебошад. Донишҷӯ пас аз пардохти маблағи соатҳои таълимии азхуднашуда, ки ҳаҷми онро «Низомнома оид ба сабақгардонии донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муқаррар кардааст, имконияти сабақгардонӣ карданро пайдо мекунад.

**1 соати академӣ** - ҳамчун воҳиди хурдтарини ифодакунандаи сарфи меҳнат ва вақти донишҷӯён, иҷро намудани сарбории таълимии омӯзгорон муайян карда шудааст. 1 соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.

**1 кредит -** ҳамчун воҳиди ифодакунандаи сарфи меҳнат ва вақти донишҷӯён, иҷро намудани сарбории таълимии омӯзгорон муайян карда шудааст, ки дар чаҳорчӯбаи он донишҷӯён ва омӯзгор ҳар ҳафта ва дар давоми як давраи академӣ (16 ҳафта) фарогири 50 дақиқа машғулиятҳои фаъол ва 100 дақиқа корҳои мустақилона (аз ҷумла, 50 дақиқа корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) мегарданд.

## 3.Банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим дар Донишгоҳ

5.Раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилоти Донишгоҳ тибқи барнома ва нақшаҳои таълимие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, сурат мегирад. Вазифаҳои асосии Донишгоҳ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияи кредитии таълим дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот, ташкили шароит ҷиҳати то ҳадди ниҳоӣ фардӣ гардонидани раванди таълим, таҳкими мақом ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯ муайян карда шудаанд.

6.Барои татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳ оид ба ҳар як самт (ихтисос) шаклҳои зерини нақшаҳои таълимӣ таҳия ва истифода мешаванд:

**-нақшаи таълимии намунавӣ** - аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, мазмун ва ҳаҷми сарбории таълимии донишҷӯёни Донишгоҳро муайян мекунад;

**-нақшаи таълимии фардӣ** - аз тарафи ҳар як донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) таҳия шуда, самт (траектория)-и таҳсилоти ӯро дар Донишгоҳ муайян мекунад;

**-нақшаи таълимии корӣ** - дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва фардӣ таҳия шуда, барои тартиб додани ҷадвали раванди таълим, ҳисоб кардани ҳаҷми меҳнатталабии донишҷӯёни Донишгоҳ оид ба фанҳои таълимӣ ва сарбории таълимии омӯзгорон истифода мешавад.

7.Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯёни Донишгоҳ ва сарбории таълимии омӯзгорон дар шароити истифодабарӣ аз технологияи кредитии таълим оид ба нақшаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) ифода карда мешавад.

8.Ҳаҷми меҳнатталабии фаъолияти таълимии донишҷӯёни Донишгоҳ вобаста ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо ба ҳисоби як кредит (як воҳиди санҷишӣ) барои зинаҳои алоҳидаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо таносуби зайл муқаррар карда мешавад:

**-барои барномаи «бакалавриат (мутахассис)»** - на камтар аз 24 соати академӣ (8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва 8 соати корҳои мустақилонаи донишҷӯ);

**-барои барномаи «магистратура»** - на камтар аз 32 соати академӣ (аз ҷумла 8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи магистр бо роҳбарии омӯзгор ва 16 соати корҳои мустақилонаи магистр);

**-барои барномаи «докторантура (доктор PhD)»** - на камтар аз 40 соати академӣ (аз ҷумла 8 соати дарси аудиторӣ, 8 соати корҳои мустақилонаи докторант бо роҳбарии мушовири илмӣ (роҳбари илмӣ) ва 24 соати корҳои мустақилонаи докторант).

9.Ташкили раванди таълим дар як соли таҳсил дар асоси тақвими академӣ ва нақшаи таълимии корӣ аз рӯи самт (ихтисос), ки аз тарафи ректор ва бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

10.Соли таҳсил дар Донишгоҳ аз давраҳои академӣ (Term), таътил ва таҷрибаомӯзӣ иборат аст. Дар курси ниҳоии давраи таҳсил дар Донишгоҳ донишҷӯён аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ гузаронида мешаванд. Давраи академӣ вобаста ба шакли он аз 16 ҳафтаи таълими назариявӣ иборат буда, барои триместр (семестри иловагӣ) то 10 ҳафта ҷудо карда мешавад. Барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) дар ҳар як давраи академӣ 2 ҳафта ҷудо карда мешавад. Пас аз ҳар як давраи академӣ ба донишҷӯён таътил муқаррар карда мешавад, ки давомнокии он дар як соли таҳсил бояд на камтар аз 9 ҳафтаро ташкил диҳад.

11.Давомнокии триместр (семестри иловагӣ) дар давраи таҳсил дар Донишгоҳ ба таври истисно дар ҳаҷми то 6 ҳафта барои ду давраи академӣ (пас аз нимсолаи тирамоҳӣ ва баҳорӣ)-и соли таҳсил дар назар дошта мешавад, ки он бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи донишҷӯён ҷиҳати гирифтани таълими назариявии иловагӣ, бартараф

намудани қарзҳои академӣ, супоридани фарқиятҳо аз рӯи нақшаҳои таълимӣ, аз худ намудани миқдори умумии кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) барои фанҳои ҳатмӣ ва ба ҳисоб гирифтани дастовардҳои донишҷӯ гузаронида мешавад.

12.Банақшагирии сарбории таълимии омӯзгор дар шароити истифодабарӣ аз технологияи кредитии таълим тавассути кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) дар шакли сарбории таълимии фаъол (гузаронидани корҳои таълимӣ дар асоси ҷадвали дарсии тасдиқшуда бевосита бо донишҷӯён дар аудитория) ва сарбории таълимии ғайрифаъол (намудҳои дигари корҳои таълимӣ, ки берун аз аудитория иҷро карда мешаванд) ба ҳисоб гирифта мешавад.

13.Давомнокии вақти баъзе шакли корҳои таълимӣ аз қабили машғулиятҳои студиявӣ, озмоишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ гуногун буда, як соати академӣ барои гузаронидани машғулиятҳои студиявӣ, озмоишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ барои самт (ихтисос)-ҳои ғайритахассусӣ - ба 75 дақиқа баробар мебошад.

14.Як соати академии ҳамаи навъҳои таҷрибаомӯзӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ба 50 дақиқа баробар аст.

15.Барномаҳои зинаи таҳсилоти бакалавриат (мутахассис) аз бахшҳои зерин иборат мебошанд:

а) бахши фанҳои гуманитарӣ;

б) бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ;

в) бахши фанҳои умумикасбӣ;

г) бахши фанҳои тахассусӣ;

16.Таносуби ҳаҷми меҳнатталабии фанҳои ҳатмӣ ва интихобиро дар нақшаи таълимӣ аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунанда Шӯрои олимони Донишгоҳ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Ҳиссаи фанҳои интихобӣ дар нақшаҳои таълимӣ бояд 25-35%-ро ташкил диҳад.

17.Нақшаи таълимии фардии донишҷӯ дар шакле, ки Донишгоҳ муқаррар намудааст, дар асоси нақшаи таълимии заминавӣ барои ҳар як соли таҳсил шахсан аз тарафи донишҷӯ бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) тартиб дода мешавад. Ин нақша аз тарафи садорати факултет тасдиқ шуда, нусхаҳои он дар садорати факултет, маркази бақайдгирӣ ва машварат, инчунин дар дасти донишҷӯ нигоҳ дошта мешавад. Дар мавриди таҳияи нақшаи таълимии фардӣ Донишгоҳ ӯҳдадор аст, ки номгӯи фанҳо ва ному насаби омӯзгорони фанниро (бо нишон додани вазифа, дараҷа ва унвони илмии онҳо) барои интихоби донишҷӯ пешниҳод намояд.

18.Барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр (муҳлати таҳсил - 4 сол) аз худ намудани 240 кредит (ҷадвалҳои 1) ва барои дарёфти дараҷаи академии мутахассис (муҳлати таҳсил 5 сол) аз худ намудани 300 кредит (ҷадвали 2) ҳатмӣ мебошад. Дар Донишгоҳ кредитҳои барои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ (12 кредит), иҷрои рисолаи хатмкунӣ ва аттестатсияи ниҳоии давлатӣ (4 кредит) пешбинишуда ба миқдори умумии 240 кредитҳои барои дарёфти дараҷаи академии

бакалавр ва 300 кредитҳои барои дарёфти дараҷаи академии мутахассис муқarraргардида дохил мешаванд.

19.Барои бомуваффақият дар муҳлати муқarrаршуда (на камтар аз 4 (ё 5) сол) хатм намудани зинаи таҳсилоти «бакалавриат (ё мутахассис)» миқдори кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) дар нақшаи таълимии фардӣ барои як соли таҳсил бояд на **камтар аз 60 кредитро** ташкил диҳад. Яъне донишҷӯ дар ҳар як давраи академӣ ба ҳисоби миёна бояд **на камтар аз 30 кредит** (аз он ҷумла 100% фанҳои ҳатмӣ)[1]-ро аз худ кунад (замимаҳои 1 ва 2).

20.Сарбории таълимии омӯзгор барои як соли таҳсил дар асоси нақшаи таълимии кории амиқгардидаи самт (ихтисос), ки бо назардошти натиҷаи таҳлил ва баҳисобгирии нақшаҳои таълимии фардии донишҷӯён таҳия шудааст, ҳисоб карда мешавад.

21.Сарбории таълимии омӯзгор барои як соли таҳсил бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ ба истисноӣ сарбории таълимии омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ муқаррар карда мешавад.

Сарбории таълимии омӯзгорони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ дар ҳаҷми як воҳиди корӣ барои як соли таҳсил ба миқдори 51 кредит (816 соат) муқаррар карда мешавад.

22.Як воҳиди корӣ пурра аз соатҳои фаъол (лексия, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) иборат набуда, балки соатҳои ғайрифаъол, соатҳои барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор-лоиҳа)-ҳои курсӣ, таҷрибаомӯзиҳо, кор (лоиҳа)-и хатмкунии бакалавр (кор (лоиҳа)-и дипломии мутахассис) ва рисолаи илмии магистр иҷрошавандаро низ дар бар мегирад.

23.Таносуби соатҳои сарбории таълимии фаъол ва ғайрифаъоли омӯзгор барои як воҳиди корӣ бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

24.Тақсимоти кори беруназаудиторӣ вобаста ба ҳаҷми меҳнатталабии фанҳои алоҳида ба ваколати қисми таълим, садорати факултетҳо ва кафедраҳо вогузор карда мешавад.

25.Донишгоҳ (кафедра) барои бо маводи таълимию методӣ пурра таъмин намудани раванди таълим ҷавобгӯ аст. Барои ҳар як самт (ихтисос)-и амалкунанда дар факултет бояд маводи таълимию методии зерин омода карда шаванд:

-барномаҳои таълимии заминавӣ аз тамоми фанҳои омӯхташаванда (мувофиқи нақшаи кории таълимӣ);

-барномаи кории фан (Syllabus);

-мавод барои машғулиятҳои аудиторӣ оид ба ҳар як фанни таълимӣ (матни лексияҳо, нақшаҳои дарсҳои семинарӣ, амалӣ ва озмоишӣ);

---

[1]Барои ихтисосҳои равияи омӯзгории зинаи бакалавр дар семестрҳои 6, 7 ва зинаи мутахассис дар семестрҳои 8,9 – 20-24 кредит.

-маҷмуи аёният ва маводи ёрирасон (маводи тақсимшаванда) барои гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ;

-мавод барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (супоришҳои вазифаи хонагӣ, маҷмии саволҳо ва супоришҳои тестӣ, намунаи рефератҳо, эссе, корҳо (лоиҳаҳо)-и курсӣ) ва кори хатмкунии бакалавр (кори дипломии мутахассис), рисолаи илмии магистр, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар намуди чопӣ ва электронӣ;

-мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (нақша ва барномаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва ғайра).

26.Донишгоҳ бояд тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тавре ташкил намояд, ки онҳо ба талаботи азхуд намудани барномаҳои таълимии тамоми фанҳои нақшаи таълимии самт (ихтисос)-ҳо ва соҳибкасб гардидани донишҷӯ пурра ҷавобгӯ бошанд.

27.Раванди таълим дар шакли ташкил ва гузаронидани корҳои зерин амалӣ карда мешавад:

**а) машғулиятҳои аудиторӣ:**

-лексияҳо;

-машғулиятҳои амалӣ (семинарҳо, коллоквиумҳо ва бозиҳои касбӣ);

-корҳои озмоишӣ (лабораторӣ);

-корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор.

**б) машғулиятҳои беруназаудиторӣ:**

-машваратҳо (мусоҳибаҳои фардӣ);

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ (таҳияи конспектҳо, иҷрои супоришҳои омӯзгор, аз ёд намудани матнҳо, омода намудани презентатсияҳо (муаррифии мавзуи иҷрошуда) ва ғайра);

-конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра.

**в) назорати сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён:**

-корҳои санҷишӣ (эссе, реферат ва ғайра);

-имтиҳонҳои фосилавӣ;

-санҷишҳои тестии назоратӣ (хаттӣ ё компютерӣ);

-санҷишҳои деффернсиалӣ;

-лоиҳа ва корҳои курсӣ, инчунин дигар намуди корҳои ба тахассус вобаста.

**г) аттестатияи ҷорӣ:**

-имтиҳони тестии ҷамъбастӣ аз фанҳои алоҳида;

-ҳисоботи таҷрибаомӯзиҳо.

**д) аттестатсияҳои ниҳоии давлатӣ:**

-дифои кор (лоиҳа)-и хатмкунии бакалавр (кор (лоиҳа)-и дипломии мутахассис), рисолаи илмии магистр;

-аттестатсияи ниҳоии давлатӣ аз фанҳои тахассусӣ.

28.Донишгоҳ ӯҳдадор аст, ки ҳамаи довталабон ва донишҷӯёнро бо қоидаҳои ташкили раванди таълим шинос намояд.

29.Маълумот оид ба қоидаҳои ташкили раванди таълим дар тахтаи эълонҳои комиссияи қабул (дар шакли чопӣ) ва сомонаи Донишгоҳ (дар шакли электронӣ) ҷой дода мешавад.

30.Бақайдгирии донишҷӯён ҷиҳати номнависшавӣ ба омӯзиши фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ, интихобӣ (элективӣ)), интихоби омӯзгорони фаннӣ (барои фанҳои ҳатмӣ) аз ҷониби Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар ҳамкорӣ бо кафедраҳо барои соли таҳсили оянда ташкил ва гузаронида мешавад.

31.Донишҷӯёни курси аввал то оғози соли нави таҳсил (25-30 август) аз садорати факултет эдвайзер) варианти барои курси якум омодашудаи нақшаи таълимии намунавиро гирифта, дар он (пас аз маслиҳати эдвайзер) то 10 сентябри соли таҳсили ҷорӣ метавонад то 10% тағйироту иловаҳо ворид намоянд. Пас аз гузаштани муҳлати муқарраргардида ворид намудани тағйироту иловаҳо дар нақшаи таълимии фардӣ дар давоми соли таҳсил қатъиян манъ аст.

32.Донишҷӯёни курсҳои болоӣ, баъди муаррифии фанҳо, нақшаи таълимии фардии худро барои соли таҳсили оянда (дар шакли муқарраршуда, дар ҳолати зарурӣ, пас аз маслиҳати эдвайзер) тартиб дода, имзо мегузоранд ва санаи онро гузошта, то 1 июн ба садорати факултет месупоранд. Онҳо метавонанд то 10 сентябри соли нави таҳсил ба нақшаи таълимии фардии худ аз миқдори умумии кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) дар ҳаҷми то 10% тағйирот ворид намоянд. Дар ин маврид донишҷӯ ба садорати факултет бо дархости хаттӣ (дар шакли муқарраршуда) муроҷиат мекунад.

33.Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар якҷоягӣ бо садорати факултет дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ шумораи зарурии ҳадди ақали донишҷӯёнро барои ташкил кардани гуруҳ аз фанни таълимӣ (ҳатмӣ ё интихобӣ) ва шумораи ҳадди аксари донишҷӯёнро барои ташкил намудани ҷамъгуруҳҳо ё гуруҳҳои академии якҷоя (потокҳо) муқаррар менамояд.

34.Дар ҳолати то 1 июн барои омӯзиши ин ё он фанни интихобӣ номнавис шудани теъдоди аз ҳадди ақали муқарраршуда камтари донишҷӯён, ин фан ба нақшаи таълимии корӣ ворид карда намешавад. Садорати факултет барои дар ин бора огоҳ намудани донишҷӯён эълон медиҳад ва ба қисми таълим ба таври хаттӣ ахбор пешниҳод менамояд. Донишҷӯёне, ки барои омӯзиши ин фан номнавис шудаанд, бояд то 25 август ба садорати факултет оид ба ворид намудани тағйирот дар нақшаи таълимии фардӣ бо дархост муроҷиат намоянд.

35.Дар мавриди ба машғулияти дарсии ин ё он омӯзгор номнавис шудани теъдоди аз ҳадди аксари муқарраршуда зиёди донишҷӯён, садорати факултет барои омӯзиши ин фан гурӯҳи дуюмро таъсис медиҳад ва ба он омӯзгори собиқадорро таъин мекунад. Дар ин ҳолат донишҷӯён ба гурӯҳҳо мувофиқи сана ва навбати номнависшавӣ тақсим карда мешаванд.

36.Ҳангоми аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ва аз ҷониби ӯ ба садорати факултет дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани нақшаи таълимии фардӣ, садорати факултет ҳуқуқ дорад, ки барои муайян намудани самт (траектория)-и таҳсилоти ӯ нақшаи таълимии намунавиро ҳамчун асос истифода барад.

37.Дар натиҷаи таҳлили нақшаҳои таълимии фардӣ садорати факултет нақшаҳои таълимии кориро аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои амалкунанда таҳия намуда, то оғози соли нави таҳсил (то 30 август) ҷадвали дарсӣ тартиб медиҳад.

38.Донишгоҳ раванди таълимро бо тамоми шароит ва воситаҳои зарурӣ (бино, аудитория, таҷҳизоти таълимӣ, маводи харҷшаванда, объектҳои таҷрибаомӯзӣ) бояд таъмин намояд.

39.Дигар намудҳои фаъолияти Донишгоҳ, ки ба ташкили раванди таълим вобаста нестанд (қабули донишҷӯён, ёрии тиббӣ ва ғайра), дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф амалӣ мегарданд.

## 4.Низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии фанҳо

40.Назорати дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз ҷониби донишҷӯ дар доираи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ амалӣ гардонида мешавад.

41.Шӯрои олимони Донишгоҳ Қоидаҳои умумии низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ва Низомномаи баҳодиҳӣ ба дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанро дар Донишгоҳ тасдиқ менамояд. Садорати факултет ва кафедраҳо бошанд, барои фанҳои алоҳида вобаста ба ҳаҷми меҳнатталабии омӯзиши онҳо ва барои ҳар як давраи академӣ нақша ва ҷадвалҳои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастиро тартиб медиҳанд.

42.Аз рӯи натиҷаи аттестатсияи ҷорӣ ба донишҷӯ мувофиқи «Қоидаҳои умумии низоми холдиҳӣ-рейтингӣ дар Донишгоҳ» бо назардошти дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимӣ ва малакаҳои касбии оид ба ҳар як фан азбарнамудаи ӯ баҳогузорӣ карда мешавад.

43.Донишҷӯе, ки аз рӯи натиҷаҳои имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастӣ оид ба ин ё он фанни таълимӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтааст (ба истиснои ҳолатҳое, ки бо сабаби узрнок ба имтиҳонҳо ҳозир нашудааст), барои такроран супоридани имтиҳон роҳ дода намешавад.

44.Дар асоси муайян намудани натиҷаҳои ниҳоӣ (баҳои умумӣ)-и донишҷӯён оид ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ рейтинги академии онҳоро муайян мекунад. Рейтинги академии баланд ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки имтиёзҳои аз тарафи Донишгоҳ муқарраршударо соҳиб гардад.

45.Ҳар як донишҷӯ метавонад аз садорати факултет, Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва сомонаи Донишгоҳ оид ба натиҷаи рейтинги академии худ маълумоти муфассалу асоснок гирад.

46.Агар донишҷӯ дар давоми як давраи академӣ на камтар аз 80% кредитҳо (аз ҷумла 100% кредитҳои фанҳои ҳатмӣ)-ро соҳиб шавад, он гоҳ ӯ имконияти дар давраи академии оянда идома додани таҳсилро пайдо мекунад.

47.Агар донишҷӯ дар давоми соли таҳсил миқдори аз 80% камтари кредитҳоро аз худ кунад, такроран дар курс таҳсил менамояд ва агар аз 3 ва зиёда фанҳои ҳатмӣ дорои қарзӣ академӣ гардад, аз Донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

48.Донишҷӯ бо хоҳиши худ ва розигии ректори Донишгоҳ барои ба сафи донишҷӯён барқарор шудан, метавонад миқдори кредитҳои зарурӣ (аз ҷумла 100% кредитҳои фанҳои ҳатмӣ)-ро, ки мувофиқи нақшаи таълимии фардӣ аз худ карда натавонистааст, аз нав азхуд кунад.

49.Дар ҳолате ки қисми зиёди донишҷӯён аз ин ё он фанни таълимӣ дорои қарзи академӣ мегарданд, садорати факултет метавонад (бо назардошти на камтар аз ҳадди ақал (8 нафар), ки аз тарафи Донишгоҳ барои ташкил намудани гуруҳ ҷиҳати омӯзиши фанҳо муқаррар шудааст) бо хоҳиши донишҷӯён ва интихоби омӯзгор аз ҷониби онҳо дар триместр машғулиятҳои дарсӣ ташкил намояд. Дар ин сурат донишҷӯён (новобаста аз шакли таҳсили ройгон ва ғайриройгон) пас аз пардохти маблағе, ки мувофиқи сметаи хароҷоти Донишгоҳ, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ барои азхуд намудани як кредит (як воҳиди санҷишӣ) муқаррар шудааст, ин фанро аз нав омӯхта, имтиҳони ҷамъбастӣ месупоранд.

50.Имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва имтиҳони ҷамъбастӣ аз тарафи комиссияе, ки бо фармоиши Ректори Донишгоҳ таъсис дода шудааст, бо иштироки омӯзгори фаннӣ қабул карда мешаванд. Имтиҳони ҷамъбастӣ саволҳоро аз рӯи ҳамаи мавзуъҳои фанни таълимӣ, ки дар давраи академӣ пешбинӣ шудаанд, дарбар мегирад. Шакли имтиҳонро (шифоҳӣ, тестӣ, хаттӣ) бо қарори кафедра, Шӯрои олимони факултет, Шӯрои олимони Донишгоҳ бо тартибе, ки муқаррар шудааст, қабул мекунад.

51.Имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ дар асоси қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ дар шакли қабули тестҳои омехта, корҳои хаттӣ, шифоҳӣ (вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ) ва ё тариқи мониторӣ дар ҷойҳои муқаррар намудаи Раёсати Донишгоҳ қабул карда мешаванд ва натиҷаҳои онҳо дар Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ, садорати факултетҳо нигоҳ дошта шуда, дар сомонаи Донишгоҳ ҷой дода мешавад.

52.Баҳои умумӣ оид ба дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан аз рӯи натиҷаҳои ду шакли назорат (имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ), ки бо гузоштани холҳо ба қайд гирифта шудаанд, муайян карда мешавад.

53.Имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) оид ба ҳар як фанни таълимӣ дар ҳафтаҳои 7 ва 14-уми таълими назариявии давраи академӣ (дар рафти гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии

омӯзгор) ва имтиҳони ҷамъбастӣ дар давраи сессияҳои имтиҳонӣ (зимистона ва тобистона) қабул карда мешаванд.

54.Баҳои умумии донишҷӯ оид ба азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан бо формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода мeёбад:

$$Бахои\ умуми\ (\%) = \left[\frac{(Иф_1 + Иф_2)}{2}\right] \cdot 0{,}5 + Ич \cdot 0{,}5$$

дар ин ҷо:

*Иф$_1$*- эквиваленти ададии баҳои имтиҳони фосилавии якум;

*Иф$_2$*- эквиваленти ададии баҳои имтиҳони фосилавии дуюм;

*Иҷ* – эквиваленти ададии баҳои имтиҳони ҷамъбастӣ.

55.Ифодаи ҳуруфии баҳои донишҷӯ (тавассути ҳарфҳои алифбои лотинӣ) ва эквиваленти ададии он (дар ҳудудӣ 0-4,0) аз рӯи натиҷаи баҳои умумӣ (барои ҳудуди ҳар як 5%), ки дар асоси холҳои ҷавобҳои дурусти дар имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастӣ бадастовардаи донишҷӯ бо истифода аз формулаи дар банди 54-и Низомномаи мазкур додашуда ҳисоб карда шудааст, ба тариқи зайл муайян карда мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Ҷадвали муайян намудани ифодаи ҳуруфӣ
ва ададии баҳои донишҷӯ

| **Баҳо (ҳуруфӣ)** | **Ифодаи ададиибаҳо** | **Фоизиҷавобҳоидуруст %** | **Ифодаианъанавии баҳо** |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le A \le 100$ | **Аъло** |
| A- | 3,67 | $90 \le A- < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le B+ < 90$ | **Хуб** |
| B | 3,0 | $80 \le B < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le B- < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le C+ < 75$ | **Қаноатбахш** |
| C | 2,0 | $65 \le C < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le C- < 65$ | |
| D+ | 1,33 | $55 \le D+ < 60$ | |
| D | 1,0 | $50 \le D < 55$ | |
| Fx | 0 | $45 \le Fx < 50$ | **Ғайриқаноатбахш** |
| F | 0 | $0 \le F < 45$ | |

Эзоҳ: *Fx* - баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр (сессияи иловагӣ) бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.

56.Пас аз анҷоми ҳар як давраи академӣ (семестр) дар асоси ифодаи ададии баҳоҳои донишҷӯ аз рӯи фанҳои алоҳида холи умумии миёнаи (GPA)-и ӯ бо истифодаи ҳисоби миёнаи арифметикӣ ҳисоб карда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Тарзи ҳисоби холи умумии миёнаи (GPA)-идонишҷӯ дар семестр

| р/т | Номгӯи фанҳо | Миқдори кредитҳо | Баҳои донишҷӯ (ҳуруфӣ) | Ифодаи ададии баҳо | Холи Умумӣ | Холи миёна (GPA) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фалсафа | 4 | B | 3 | 12 | |
| 2 | Математика | 4 | C | 2 | 8 | |
| 3 | Информатика | 6 | B | 3 | 18 | |
| 4 | Таърихи халқи тоҷик | 4 | A | 4 | 16 | |
| 5 | Забони тоҷикӣ | 4 | A | 4 | 16 | |
| 6 | Забони русӣ | 6 | B | 3 | 18 | |
| 7 | Забони хориҷӣ | 4 | C- | 1,67 | 6,68 | |
| Ҷамъи кредит ва холҳо | | 32 | | | 94,68 | 2,96 |

57.Барои аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ ва хатми Донишгоҳ ҳадди ақали холи умумии миёна (GPA)-и ӯ муайян карда мешавад, ки донишҷӯ дар давоми таҳсил бояд на камтар аз онро соҳиб шавад.

Холи умумии миёна (GPA)-и донишҷӯ вобаста ба курсҳо чунин муқаррар карда мешавад:

-барои курси якум - 1,67;

-барои курси дуюм - 1,75;

-барои курсҳои сеюм ва чорум (панҷум) - 2,0.

58.Донишҷӯёне, ки ҳадди ақали холи умумии миёнаи (GPA)-и онҳо дар ҷамъбасти соли таҳсил аз ҳадди ақали холҳои умумии миёна (GPA)-и дар банди 57-и Низомномаи мазкур муқаррашуда камтар аст, новобаста аз шакли маблағгузории Донишгоҳ бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит фанҳоеро, ки аз онҳо холҳои кофӣ ба даст наовардаанд, такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд.

59.Фармоиши ректори Донишгоҳ барои аз курс ба курс гузаронидан, танҳо нисбати донишҷӯёне ба имзо расонида мешавад, ки холи умумии миёна (GPA)-и онҳо аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 57-и Низомнома муқарраршуда баланд бошад.

60.Донишҷӯёне, ки аз ин ё он фан баҳои F (ғайриқаноатбахш) мегиранд (дар сурати аз ду фанни ҳатмӣ зиёд набудани қарзҳои академии онҳо), бо пардохти маблағ барои ҳар як кредит дар триместр (агар ба ин фан шумораи ҳадди ақали донишҷӯён, яъне на камтар аз 8 нафар номнавис шуда бошанд), онро такроран омӯхта, имтиҳон месупоранд. Дар ҳолати доштани қарзҳои академӣ аз фанҳои интихобӣ, донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки онҳоро бо хоҳиши худ ва бо маслиҳати мушовири академӣ (эдвайзер) иваз намояд.

61.Ба донишҷӯёне, ки дар муҳлати муқарраршудаи таҳсил дар зинаи «бакалавриат» (4 сол) на камтар аз 224 кредитҳои барои таълими назариявӣ пешбинигардидаро бомуваффақият азхуд намудаанд, пас аз гузаштани таҷрибаомӯзиҳо ва ҳимояи натиҷаи онҳо (дар ҳаҷми 12 кредит) барои гузаштан аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ва дифои кори

хатмкунӣ (дар ҳаҷми 4 кредит) иҷозат дода мешавад. Дар низоми кредитии таҳсилот навиштани кори хатмкунӣ барои зинаи таҳсилоти бакалавриат (ё кори дипломӣ - барои зинаи таҳсилоти мутахассис) ҳатмӣ мебошад.

62.Барои гирифтани иҷозат ба дифои рисолаи илмӣ дар зинаи магистратура азхуд намудани барномаи таълимӣ дар шакли таълими назариявӣ дар мухлати муқарраршудаи таҳсил (ду сол) дар ҳаҷми на камтар аз 120 кредит муайян карда мешавад.

## 5.Ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар низоми кредитии таҳсилот

63.Иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи технологияи кредитии таълим дар ду шакл: корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ, ки бевосита аз тарафи ӯ иҷро мегардад, ба роҳ монда шуда, аз 2/3 ҳиссаи ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фанро ташкил медиҳад.

### 5.1.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор

64.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо мақсади гузаронидани мусоҳиба ва машваратҳо бо донишҷӯён, бозиҳои касбӣ, дисскусияҳо, мизҳои мудаввар, омӯзиши маводи таълимии иловагӣ (вобаста ба фанни таълимӣ), корҳои ба иҷрои супоришҳои хонагӣ, навиштани рефератҳо, лоиҳаҳои курсӣ, корҳои назоратии семестрӣ, таҳияи ҳисоботҳо алоқаманд ва қабули санҷишҳои ҷорӣ (бо донишҷӯёне, ки дар давраи таълимӣ назариявӣ аз фанҳои алоҳида холи паст доранд) ташкил карда мешавад.

65.Кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-и тибқи талаботи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор оид ба фанҳои таълимӣ пешбинишуда ба сарбории таълимии солонаи омӯзгор дохил мешаванд. Масъалаи қисман (то 50%) дар шакли машғулиятҳои аудиторӣ дар ҷадвали дарсӣ гузоштани кредитҳои барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор муайянгардида бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ карда мешавад.

66.Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор тибқи талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ барои омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ) пешбинӣ мешавад.

67.Нақша ва тарзи гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор бо нишон додани мавзуъ, вазифа ва миқдори соатҳо дар маҷмуаи таълимию методии фан, бахусус дар барномаи кории фан (Syllabus) пурра дарҷ карда мешавад.

68.Натиҷаи фаъолияти таълимии донишҷӯ оид ба иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор аз ҷониби омӯзгори фан холгузорӣ карда мешавад.

**5.2.Корҳои мустақилонаи доннишҷӯ**

69.Методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ ба мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои фанни таълимии омӯхтаванда, ҳаҷми соатҳои ба тадриси он ҷудокардашуда, шакли супориш, хусусиятҳои фардии донишҷӯ ва шароити фаъолияти таълимӣ вобастагӣ дорад.

70.Раванди ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар худ давраҳои зеринро дар бар мегирад:

-давраи тайёрӣ (муайян намудани мақсад, тартиб додани барнома, омодагии таъминоти методӣ, таҷҳизот);

-давраи асосӣ (татбиқи барнома, истифода кардани тарзҳои ба даст овардани маълумот, коркард, мавриди истифода қарор додан, додани дониш, ба қайд гирифтани натиҷаҳо, мустақилона ташкил намудани раванди кор);

-давраи ниҳоӣ (муайян намудани аҳамият ва таҳлили натиҷаҳо, ба низом даровардани онҳо, баҳодиҳӣ ба самаранокии барнома ва тарзҳои иҷро намудани кор, баровардани хулоса дар бораи самтҳои муътадил гардонидани меҳнат).

71.Дар ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ чунин сохторҳои Донишгоҳ масъул дониста шудаанд: идораи таълимию методӣ, садорати факултетҳо, комиссияи таълимию методӣ, кафедра, китобхонаи илмӣ, Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионӣ, матбааи Донишгоҳ.

72.Идораи таълимию методӣ:

-санадҳои ҳуқуқии меъёриро оид ба корҳои мустақилонаи донишҷӯ тартиб медиҳад;

-сохторҳои дахлдори ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯи Донишгоҳро оид ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва тавсияҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикстон бо маълумоти лозима таъмин мегардонад;

-аз рӯи ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ ба садорати факултетҳо ва кафедраҳо ёрии методии худро мерасонад.

-рафти ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯро дар факултет ва кафедраҳо назорат мекунад;

73.Садорати факултет дар якҷоягӣ бо комиссияи таълимию методии дар назди факултет таъсисдодашуда:

-дақиқ ва дуруст будани талаботи барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар назди кафедраҳо муқарраргардидаро муайян месозад;

-такроршавии маводи таълимиро пешгирӣ менамояд;

-алоқаи маводро бо курсҳои омехтаи назариявӣ дар байни донишҳои назариявӣ ва таҷрибаомӯзиҳои амалӣ муайян менамояд.

-корҳои мустақилонаи донишҷӯро дар факултет барои ҳар як нимсола (семестр) ба нақша мегирад;

-нақшаи корҳои мустақилонаи донишҷӯро тартиб дода, ҳаҷм ва муҳлати иҷро намудани онҳоро оид ба ҳар як фанни таълимӣ мувофиқ мегардонад (ҳаҷми супоришҳоро аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ муқаррар намуда, теъдоди чорабиниҳои назоратиро дар як ҳафта муайян месозад, ҳамаи корҳои дар давоми ҳар як ҳафта бақайнақшагирифтаро баробар тақсим менамояд, корҳои оид ба таъминоти иттилоотӣ ва методии супоришҳои корҳои мустақилона пешбинишударо муайян менамояд) ва назоратро аз рӯи ҳолати иҷро гардидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ ба роҳ мемонад;

-ба омӯзгорон ва донишҷӯён дар бораи ҷадвали иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ маълумот пешкаш менамояд;

-дар ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ рӯзи корҳои мустақилонаи донишҷӯро муайян намуда, фаъолияти кафедраҳоро аз рӯи иҷроиши корҳои мустақилонаи донишҷӯ назорат мекунад;

74.Кафедра:

-самтҳои асосӣ, мазмун, шакл ва усулҳои тайёр намудани донишҷӯёнро ҷиҳати иҷро кардани корҳои мустақилона, ташаккул додани дараҷаи азхудкунии фанҳои таълимӣ ва роҳҳои ҳавасманд гардонидани онҳо муайян намуда, дар асоси нақшаи таълимӣ мазмун, ҳаҷми мушаххаси маводи таълимии барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ мувофиқаткунандаро оид ба ҳар як фанни таълимӣ ва тарзи дар адабиёти таълимӣ (дастурҳои таълимӣ, нишондоҳои методӣ ва ғайра) баён намудани маводи таълимиро дар шакли самаранок ва дастрас муқаррар менамояд;

-тақсимоти буҷаи вақтро аз ҷониби донишҷӯён, ки ҳамчун тарзи муайян намудани иҷрои корҳои мустақилона, аксабрдорӣ, хронометражи буҷаи вақт дониста шудааст, назорат мекунад;

- дар асоси гузаронидани пажӯҳиши илмӣ аз ҷониби донишҷӯён фан ва курсҳои интихобиро аз рӯи ташкили фаъолияти илмию таълимии онҳо муайян менамояд;

-масъалаҳои ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯро ба барномаи кории фанҳои омӯхташаванда ворид гардонида, сифати ташкил ва назоратро аз рӯи рафти иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ таъмин менамояд;

-ҷадвали иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯро барои донишҷӯёни ҳар як курс бо нишон додани шакли назорат, муҳлати иҷрои онро аз рӯи ҳар як фанни таълимӣ тартиб дода, ба садорати факултет пешниҳод менамояд;

-самаранокии корҳои мустақилонаи донишҷӯро таҳлил намуда, бо мақсади ташаккул додан ва беҳтар гардонидани сифати иҷро намудани ин шакли корҳои таълимӣ ворид намудани тағйиротро дар шакли дархост ва пешниҳод ба садорати факултет манзур менамояд;

-мониторинги ташаккул додани малака ва маҳорати донишҷӯёнро аз рӯи натиҷаи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ гузаронида, тавсияҳои худро оид ба такмил додани он кор карда мебарояд;

- баҳри пурра гардонидан ва таъмин намудани кабинетҳои таълимӣ бо адабиёти таълимӣ, илмӣ, нашрияҳои даврӣ, мавод, техника ва дастурҳои таълимӣ тадбирҳо меандешад ва ба Раёсати Донишгоҳ бо дархост муроҷиат менамояд;

-дастрасии ҳамаи маводи таълимию методӣ ва иттилоотиро таъмин менамояд;

-коркарди маҷмуаҳои таълимию методӣ, барномаҳо, васоит, мавод, китобҳои дарсиро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии ихтисосҳои амалкунанда амалӣ мегардонад;

-тавсияҳои методӣ, воситаҳои таълимиро оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯ таҳия мекунад;

75.Омӯзгори фанни таълимӣ:

-донишҷӯёнро бо низоми шакл ва усулҳои таълим дар Донишгоҳ, ташкили фаъолияти меҳнатии илмӣ, усулҳои иҷро намудан ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати корҳои мустақилона, мақсад, воситаҳо, ҳаҷми меҳнатталабӣ, муҳлати иҷро намудан ва шакли назорати корҳои мустақилонаи донишҷӯ ошно месозад;

-назоратро аз рӯи иҷро намудани ҷадвали корҳои мустақилона аз ҷониби донишҷӯён пайваста ба амал меорад;

-таҳлили корҳои мустақилонаи донишҷӯро гузаронида, онҳоро баҳогузорӣ мекунад;

76.Китобхонаи илмии Донишгоҳ:

-бо мақсади ташаккул додани маҳорату малакаи ба даст овардани маълумот, дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода тавонистани он, қобилияти истифода кардани маълумот машғулиятҳои дарсиро оид ба китобхонашиносӣ ва библиография ташкил менамояд;

-ба донишҷӯён ҷиҳати ташкили машғулиятҳои мустақилона ёрии амалӣ расонида, дар асоси талаботи нақшаҳо ва барномаҳои таълимии амалкунанда раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимиро бо адабиёти зарурӣ ва иттилоот (фонди китобу васоитҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, илмӣ, даврӣ, маълумотӣ ва бадеӣ, аз ҷумла бо шаклҳои электронии онҳо) пурра таъмин менамояд;

-ба донишҷӯён дастрас будани захираҳои иттилоотӣ, базаи иттилоотӣ, бахусус маълумоти библографӣ ва воридшавӣ ба Интернетро таъмин мегардонад.

77.Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионӣ фазои виртуалии иттилоотиро ҷиҳати ташкил намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ фароҳам сохта, раванди ташкил ва гузаронидани корҳои таълимиро бо иттилоот таъмин мегардонад.

Тартиби фаъолияти Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсиониро «Низомномаи Маркази хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионӣ» муқаррар менамояд.

78.Матбааи Донишгоҳи давлатииомӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ талаботи Шӯрои олимон, Раёсати Донишгоҳ, Шӯрои илмӣ-методӣ, сохторҳои Донишгоҳ, садорати факултетҳо ва кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳиро бо теъдоди аз чоп баромадани адабиёти таълимӣ, методӣ ва илмӣ қонеъ мегардонад.

79.Донишгоҳ барои ташкил ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ заминаи таълимию методӣ ва материалию техникиро фароҳам меоварад.

80.Тартиби ворид намудани тағйирот ба шаклҳо ва тарзҳои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар мувофиқа бо кафедра ва шӯрои методии факултет ба амал оварда мешавад.

## 6.Тартиби иҷро ва ҳимояи лоиҳа ва корҳои курсӣ

81.Иҷрои кор (лоиҳа)-и курсӣ дар нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ барои гуруҳи фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ пешбинӣ мешавад.

82.Мавзуи кор (лоиҳа)-и курсӣ бояд ба мавзуи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедра мувофиқ бошад.

83.Иҷрои кор (лоиҳа)-и курсӣ дар давоми як давраи академӣ (як семестр) ба нақша гирифта мешавад.

84.Баҳогузорӣ ба сифати иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсӣ аз ҷониби ҳайати комиссияе, ки кафедраи дахлдор таъсис додаст, бояд то ҳафтаи 16-уми таълими назариявии ҳар як семестр амалӣ гардонида шавад.

85.Ба фаъолияти таълимии донишҷӯ оид ба иҷро ва ҳимояи кор (лоиҳа)-и курсӣ ба таври алоҳида холгузорӣ карда мешавад. Дар ҳолати саривақт ҳимоя накардани кор (лоиҳа)-и курсӣ, донишҷӯ ба имтиҳони ҷамъбастии фанни таълимӣ роҳ дода намешавад.

## 7.Тартиб ва ташкили раванди сессияи имтиҳонӣ

86.Сессияи имтиҳонӣ (сессияҳои имтиҳонии зимистона ва тобистона) дар як соли таҳсил ду маротиба дар баробари ба анҷом расидани ҳафтаҳои таълимии назариявии ҳар як давраи академӣ (нимсолаҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ) бо мақсади қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ оид ба фанҳои таълимӣ ташкил ва гузаронида мешавад. Муҳлати гузаронидан ва миқдори ҳафтаҳои сессияи имтиҳонӣ тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

87.Имтиҳонҳои ҷамъбастӣ вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан ва хусусиятҳои касбии самт (ихтисос)-и Донишгоҳ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва омехта (бо истифода аз воситаҳои технологияи иттилоотӣ ё дар шакли анъанавӣ) гузаронида мешаванд. Асоснок гардонидани шакли шифоҳӣ ва хаттии қабули имтиҳонҳо вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан муайян карда шуда, бо

қарори Шӯрои илмӣ-методии факултет ва Шӯрои илмию методии Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

88.Маводи таълимӣ (саволномаҳо, супоришҳои тестӣ бо ҷавобҳои дуруст) барои қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ оид ба ҳар як фанни таъимӣ аз ҷониби омӯзгорон таҳия шуда, 20 рӯз қабл аз оғози сессияи имтиҳонӣ (дар шакли чопӣ ва электронӣ) аз ҷониби мудири кафедра ба маркази тестии Донишгоҳ супорида мешаванд.

89.Тестҳо барои қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ аз тамоми фанҳои таълимӣ метавонанд дар намудҳои зерин таҳия карда шаванд:

-тестҳои пӯшида - тестҳое, ки аз якчанд ҷавобҳои пешниҳодшуда иборат буда, донишҷӯ бояд танҳо як ҷавоби дурустро интихоб намояд;

-тестҳои кушода - тестҳое, ки дар онҳо ҷавобҳои алтернативӣ оварда нашудаанд ва ба онҳо худи донишҷӯ ҷавоб мегардонад. Барои ҷавоби дуруст ба ин гуна тестҳо холи нисбатан баландтар гузошта мешавад.

-тестҳои мувофиқат - тестҳое, ки аз ду гуруҳи элементҳо ва мураттабсозии мувофиқати байни онҳо иборат мебошанд. Дар чунин тестҳо мувофиқат аз рӯи принсипи 1:1, яъне мувофиқ омадани як элементи гурӯҳи якум ба як элементи гуруҳи дуюм, муайян карда мешавад.

90.Барои таъмини шаффофияти муайян намудани натиҷаи имтиҳони ҷамъбастӣ, шакли супоришҳои тестӣ бояд омехта (истифодаи якчанд намуди тест дар як саволнома) бошанд. Ҳаҷми супоришҳои тестии барои қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ аз тарафи омӯзгорони фанҳои таълимӣ пешниҳодшаванда вобаста ба ҳаҷми кредитҳое, ки тибқи накшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ барои омӯзиши онҳо муқаррар карда шудааст, бояд на камтар аз 50 савол барои 1 кредитро дар бар гирад.

91.Қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ аз ҷониби комиссияе, ки ҳайати он бо фармоиши ректор тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад. Ба ҳайати комиссия омӯзгори кафедраи мувофиқ, ки ба донишҷӯёни ин гурӯҳ оид ба фанни мазкур дарс надодааст, омӯзгорони кафедраҳои дигари аз ҷиҳати мазмун наздик, намояндагони қисми таълим ва садорати факултет шомил мешаванд. Омӯзгори фанни таълимӣ метавонад дар рафти қабули имтиҳон ва тафтиши ҷавобҳои донишҷӯён иштирок намояд.

92.Иштироки омӯзгори фанни таълимӣ дар рафти қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ барои иҷрои корҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

- назорати рафти қабули имтиҳон ва натиҷагирии он;

- саривақт ба қайд гирифтани натиҷаи имтиҳон дар варақаҳои имтиҳонии фосилавӣ, ҷамъбастӣ ва дафтарчаҳои имтиҳонӣ.

93.Аъзои комиссияи имтиҳонӣ варақаҳои ҷавобҳои донишҷӯёнро бо калиди ҷавобҳои дуруст муқоиса намуда, натиҷаи имтиҳони ҷамъбастиро муайян менамоянд, ё ин ки онҳоро аз сканер гузаронида, баъд аз коркарди онҳо дар барномаи компютерӣ натиҷаи ҷамбастиро ба даст меоранд. Дар ҳар ду маврид аъзои комиссия натиҷаҳои имтиҳони

ҷамъбастиро оид ба фанни таълимӣ ба донишҷӯён эълон намуда, варақаи имтиҳониро пур мекунанд ва бо гузоштани имзо ба Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ месупоранд.

94.Дар мавриди аз тарафи аъзои комиссияи имтиҳонӣ ба қайд гирифтани ҳолатҳои вайрон намудани қоидаҳои қабули имтиҳонҳои ҷамъбастӣ (рӯйбардор намудани ҷавобҳои дуруст) ба натиҷаи тести донишҷӯ 0 (нол) хол гузошта шуда, баҳои ӯ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

95.Мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (бақайдгиранда) холҳои дар варақаи имтиҳонӣ дарҷёфтаро ба компютер ворид менамояд. Дар ҳолати муайян намудани натиҷаи имтиҳон тавассути компютер дар асоси ҷой додани формула дар барномаи компютерӣ он баъд аз сканер намудани варақаҳои ҷавобҳои донишҷӯён ба таври автоматӣ коркард мешавад.

96.Ворид намудани тағйирот ба холҳои дар имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1, 2) бадастовардаи донишҷӯ дар давраи сессияи имтиҳонӣ қатъиян манъ аст.

97.Оид ба натиҷаи ҳар як сессияи имтиҳонӣ ба донишҷӯ транскрипт (маълумотномаи академӣ) дода мешавад.

## 8.Апеллятсия ва тартиби гузаронидани он

98.Апеллятсия - бо мақсади муайян ва бартараф намудани ҳолатҳои баҳогузории ғайриобъективона ба дараҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён, гузаронида мешавад. Комиссияи апеллятсионӣ бо фармоиши ректор таъсис дода шуда, ба он намояндаи қисми таълим (ба ҳайси раис), намояндагони садорати факултет, кафедраи мувофиқ ва омӯзгори фанни таълимӣ (ҳамчун аъзо) дохил мешаванд.

99.Апеллятсия дар асоси аризаи донишҷӯ оид ба қаноатманд набудани ӯ аз натиҷаи имтиҳони ҷамъбастӣ, дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

-ғалат пешниҳод гардидани супоришҳои тестӣ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё ҳангоми генератсияи супоришҳои тестӣ бо хатои техникӣ таҳия гардидани варианти саволномаҳои тестӣ;

-набудани ҷавоби дуруст ё овардани ду ҷавоби дуруст дар байни ҷавобҳои ба супориши тестӣ пешниҳодшуда аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ;

-берун аз доираи барномаи таълимии фан пешниҳод гардидани супоришҳои тестӣ;

-ба ҳисоб нагирифтани ҷавобҳои дуруст ҳангоми санҷиши варақаи ҷавобҳои донишҷӯ аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё сканер накардани он аз ҷониби мутахассиси Бахши танзими тестҳои тестии Донишгоҳ;

-ғалат тартиб додани калиди ҷавобҳои дуруст аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ ё бо хато ворид намудани калиди ҷавобҳои дуруст ба барномаи компютерӣ;

100.Дархости донишҷӯ дар асоси аризаи ӯ оид ба гузаронидани апеллятсия дар муддати 48 соат аз лаҳзаи эълон гардидани натиҷаи имтиҳони ҷамъбастӣ баррасӣ карда мешаванд.

101.Тартиби гузаронидани апеллятсия:

-донишҷӯ рӯзи эълон шудани натиҷаи имтиҳони ҷамъбастӣ бо нишон додани номи фан ва рақами тартибии саволе, ки бояд аз тарафи комиссияи апеллятсионӣ аз нав дида баромада шавад, ба номи раиси комиссия ба Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ бо ариза муроҷиат мекунад. Комиссия аризаи донишҷӯро арзёбӣ намуда, бо назардошти мувофиқати он ба талаботи ҳолатҳои дар банди 87-и Низомнома овардашуда оид ба зарурати гузаронидани апеллятсия қарор қабул мекунад;

-натиҷаи апеллятсия ба варақаи апеллятсионӣ, ки мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ омода намудааст, гузаронида мешавад;

-тағйир додани холҳои дар имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1,2) бадастовардаи донишҷӯ ҳагоми гузаронидани апеллятсия манъ аст.

## 9.Тартиби бартараф намудани қарзҳои академӣ

102.Қарзҳои академии донишҷӯ ҳангоми аз рӯи натиҷаи ниҳоӣ азхудкунии барномаи таълимии ин ё он фан гирифтани баҳои F (ғайриқаноатбахш) ва ё бесабаб ҳозир нашудан ба имтиҳони ҷамъбастӣ ба вуҷуд меоянд.

103.Мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ якҷо бо садорати факултет сабабҳои ба вуҷуд омадани қарзҳои академиро таҳлил намуда, дар асоси муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён, номгӯи фанҳои таълимиро барои такроран супоридани имтиҳони ҷамъбастӣ муайян мекунад.

104.Такроран супоридани имтиҳон аз ин ё он фанни таълимӣ пас аз сессия (бе пардохти маблаға иловагӣ) ба донишҷӯёне иҷозат дода мешавад, ки аз имтиҳонҳои фосилавӣ бомуваффақият гузаштаанд, вале бо сабабҳои узрнок ба имтиҳони ҷамъбастӣ ҳозир нашудаанд, ё ки баҳои Fx гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне низ дохил мешаванд, ки дар дарсҳо пурра иштирок намуда, имтиҳонҳои фосилавии якумро бо баҳои баланд супоридаанд, вале бо сабаби беморӣ (бо ҳуҷҷати тиббӣ тасдиқшуда) ба имтиҳонҳои фосилавии дуюм ва имтиҳони ҷамъбастӣ ҳозир нашудаанд. Ба ин қабил донишҷӯён барои супоридани имтиҳон пас аз сессия то як моҳ мӯҳлат муқаррар карда мешавад. Дар мавриди такроран супоридани имтиҳони ҷамъбастӣ шакли қабули имтиҳон ва ҳайати комиссия тағйир намеёбад.

105.Мушовири академӣ (эдвайзер) ва мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ (бақайдгиранда) номгӯи фанҳои таълимӣ,

ному насаби донишҷӯёни дорои қарзҳои академиро муайян намуда, ҷадвали такроран супоридани имтиҳонҳоро бо нишон додани сана, вақт ва макон тартиб медиҳад ва барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод мегардонад.

106.Ба истиснои ҳолатҳои дар банди 92-и Низомномаи мазкур овардашуда (бе пардохти маблағи иловагӣ) такроран супоридани имтиҳонҳои фосилавӣ, имтиҳони ҷамъбастӣ ва пурра аз нав омӯхтани фан қатъиян манъ аст.

## 10.Тартиби бартараф намудани фарқияти академӣ

107.Фарқияти академӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои амалкунандаи Донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин пайдо мешавад:

-гузариши донишҷӯ аз дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба Донишгоҳ;

-гузариши донишҷӯ аз як ихтисос ба ихтисоси дигар;

-баргаштани донишҷӯ аз рухсатии академӣ (дар ҳолати иваз шудани нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ;

-барқароршавии донишҷӯ пас аз хориҷшавӣ.

108.Раванди супоридани фарқияти академӣ иҷрои пай дар пайи амалҳои зеринро аз ҷониби донишҷӯён тақозо менамояд:

-бартараф намудани фарқияти академӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои Донишгоҳ баъд аз пардохти маблағи таҳсил барои кредитҳои ҷиҳати азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо муқарраршуда;

-иштирок дар машғулиятҳои дарсӣ бо мақсади пурра азхуд намудани барномаи таълимии фанҳое, ки ҳамчун фарқият муайян карда мешаванд;

-иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, супоридани имтиҳонҳои фосилавӣ (якум ва дуюм) ва ҷамбастӣ бо мақсади ҷамъоварии кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-и дар нақшаи таълимӣ муқаррargардида.

109.Муҳлати супоридани фарқият аз рӯи нақшаи таълимӣ дар як соли таҳсил аз тарафи комиссияи экспертии назди Раёсати таълим муқаррар карда мешавад.

110.Дар асоси аризаи донишҷӯён Раёсати таълим ва Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ барои иҷрои корҳои зерин масъул мебошад:

-муайян намудани номгӯи фанҳои таълимие, ки фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимӣ ташкил медиҳанд;

-дар мувофиқа бо мудири кафедраи дахлдор интихоб намудани омӯзгорон барои гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (якум ва дуюм) ва ҷамъбастӣ аз рӯи фанҳои таълимие, ки ҳамчун фарқият муайян карда шудаанд.

## 11.Тартиби ташкил ва гузаронидани триместр (семестри иловагӣ)

111.Триместр бо ташаббуси мушовирони академӣ (эдвайзерон) танҳо пас аз пардохти маблағи таҳсил аз тарафи донишҷӯён вобаста ба миқдори фанҳои таълимӣ ва кредитҳое, ки онҳо аз худ кардан мехоҳанд, бо мақсади такроран омӯхта, супоридани қарзҳои академӣ, то сатҳи меъёри муқарраршуда баланд бардоштани холи умумии миёнаи бадастоварда (GPA)-и гузаштан аз курс ба курс, бартараф намудани фарқият аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос) (барои донишҷӯёне, ки аз дигар ихтисос ё дигар Донишгоҳ гузаштаанд), ташкил карда мешавад.

112.Мӯҳлати гузаронидан ва давомнокии триместр тибқи тақвими академии раванди таълим муқаррар карда мешавад.

113.Зарурати дар триместр таҳсил намудани донишҷӯ дар асоси ҷой доштани ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад:

-дар асоси аз 25 хол паст будани натиҷаи имтиҳонҳои фосилавии якум ва дуюм ва дар ҳамин асос барои супоридани имтиҳони ҷамъбастӣ иҷозат нагирифтан;

-дар асоси муайян намудани баҳоҳои умумӣ оид ба азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо дар як давраи академӣ (ҷамъбасти давраи асосии сессияи имтиҳонӣ) аз рӯи на зиёда аз ду фанҳои ҳатмӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан;

-насупоридани имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ дар муҳлати як моҳе, ки тибқи банди 92-и Низомномаи мазкур муқаррар карда шудааст;

-паст будани натиҷаи холи умумии миёнаи (GPA)-и донишҷӯён нисбат ба холи умумии миёнаи (GPA)-и дар банди 57-и Низомномаи мазкур вобаста ба курсҳо муқарраршуда;

-бартараф намудани қарзҳои академӣ (ҳангомӣ барқароршавӣ), супоридани фарқият аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои дар Донишгоҳ амалкунанда (зимни гузаштан аз дигар Донишгоҳ (ё дигар ихтисос) ва ё баргаштан аз рухсатии академӣ);

-ба таври систeманок (зиёда аз 25%) ба дарсшиканӣ роҳ додан дар машғулиятҳои дарсии ин ё он фанни таълимӣ.

114.Триместр аз тарафи қисми таълим (Раёсати таълим, Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ, садорати факултет) бо назардошти риояи талаботи зерин ташкил карда мешавад:

-ҳайати гуруҳҳое, ки ба машғулиятҳои дарсии ин ё он фанни таълимӣ фаро гирифта мешаванд, бояд аз 8 нафар кам набошад (ба истисноии фанҳои тахассусӣ). Дар ҳолати аз 8 нафар кам будани донишҷӯён гуруҳ ташкил карда намешавад ва аз худ намудани барномаи таълимии фан дар шакли ташкил ва гузаронидани мусоҳиба аз ҷониби омӯзгори фанни таълимӣ бо донишҷӯён ва аз ҷониби онҳо ба таври инфиродӣ аз худ намудани маводи таълимии фан амалӣ гардонида мешавад;

-шумораи фанҳо барои донишҷӯён бояд аз ду фанни ҳатмӣ ё се фанни интихобӣ зиёд набошад.

115.Ба расмият даровардани триместр бо тартиби зерин сурат мегирад:

-донишҷӯ то оғози триместр барои иштирок дар он ба Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ариза пешниҳод менамояд;

-мутахассиси Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар мавриди ташкили гурӯҳ дар мувофиқа бо мудири кафедра ному насаби омӯзгорро муайян намуда, ҷадвали машғулиятҳои дарсии триместрро тартиб медиҳад. Пас аз пурра пардохт намудани маблаҒи таҳсил аз ҷониби донишҷӯён, онро барои тасдиқ ба муовини ректор оид ба таълим пешниҳод менамояд;

-ташкили триместр тибқи принсипҳои таъмини баҳогузории объективона ба дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо амалӣ мегардад.

116.Садорати факултет ва эдвайзер барои пардохти саривақтии маблағи таҳсил дар триместр масъул мебошанд.

117.Маркази бақайдгирӣ ва машварат аз рӯи натиҷаҳои триместр холи умумии миёнаи (GPA)-и донишҷӯро аз нав ҳисоб намуда, дар ҳолати бомуваффақият супоридани қарзҳои академӣ ё фарқият аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ лоиҳаи фармоишро дар бораи аз курс ба курс гузаронидан, гузаштан аз дигар Донишгоҳ, гузаштан аз як ихтисос ба ихтисоси дигар, баргаштан аз рухсатии академиро омода месозад.

## 12.Тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ

118.Таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, саҳроӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ) мувофиқи нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои тасдиқгардидаи самт (ихтисос)-ҳои Донишгоҳ гузаронида мешавад.

119.Таҷрибаомӯзии таълимӣ, саҳроӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ берун аз доираи кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-е, ки барои таълими назариявӣ муқаррар шудаанд, гузаронида шуда, барои ҳамаи донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

120.Таҷрибаомӯзии таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои Донишгоҳ дар корхонаҳо, ташкилотҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ, вазорату идораҳое, ки дар асоси ба имзо расонидани шартномаи дуҷониба ба сифати базаи таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудаанд, гузаронида мешаванд.

121.Таҷрибаомӯзӣ тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои Донишгоҳ мақоми фанҳои таълимии ҳатмиро доро буда, ҷузъи асосии муайянкунандаи самт (траектория)-и таҳсилоти донишҷӯ ва хислатҳои касбии мутахассиси оянда мебошад.

122.Таҷрибаомӯзӣ ба нақшаи таълимии фардии донишҷӯ дар сурате ворид карда мешавад, ки агар ӯ ҳадди ақали қисми назариявии

барномаҳои таълимии фанҳои базавии ҷиҳати иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ заруриро азхуд карда бошад.

123.Ҳаҷми меҳнатталабии ҳама гуна шаклҳои таҷрибаомӯзӣ бо кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ) ифода карда мешавад. Натиҷаи аз таҷрибаомӯзӣ гузаштани донишҷӯ ба монанди натиҷаи азхудкунии барномаҳои таълимии фанҳо аз ҷониби ӯ тибқи низоми холдиҳӣ баҳогузорӣ шуда, ҳангоми муайян намудани холи умумии миёнаи (GPA)-и донишҷӯ ба ҳисоб гирифта намешавад.

124.Кафедраи тахассусӣ дар якҷоягӣ бо бахши таҷрибаомӯзӣ пас аз ба итмом расидани таҷрибаомӯзӣ бо ҷалби роҳбарон ва методистони таҷрибаомӯзӣ аз корхонаю ташкилотҳо ҷаласа (конференсия)-и ҷамъбастӣ ташкил мекунад, ки дар он натиҷаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯён муҳокима гардида, роҳҳои такмил додани он муайян карда мешаванд.

125.Дар барномаи таҷрибаомӯзӣ пешталабот, яъне номгӯи фанҳои асосии назариявие, ки донишҷӯ бояд онҳоро то гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ азхуд карда бошад, дарҷ меёбад.

126.Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳои Донишгоҳ бо назардошти хусусиятҳои объекти таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби кафедраи тахассусӣ таҳия гардида, аз тарафи Шӯрои илмию методии Донишгоҳ тасдиқ ва то оғози таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён тақсим карда мешавад.

127.Донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ ҳуқуқ дорад аз иҷрои корҳое, ки дар барномаи таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ нашудаанд ва ба ташаккули хусусиятҳои касбии ӯ мусоидат намекунанд, даст кашад.

128.Баҳогузорӣ ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби комиссияе, ки мудири кафедраи тахассусӣ таъин намудааст, амалӣ мегардад. Ба комиссия барномаи таҷрибаомӯзӣ, рӯзнома, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва тақризҳо пешниҳод карда мешаванд.

129.Натиҷаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар варақаи имтиҳонӣ ва транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и донишҷӯ ба қайд гирифта шуда, дар замимаи диплом дарҷ карда мешавад.

## 13. Тартиби гузаронидани сабақгардонӣ дар факултетҳои Донишгоҳ

130.Сабақгардонии донишҷӯ ҳамчун омили ҳатмии пурра аз худ кардани маводи таълимӣ, ки дар натиҷаи ба дарс бесабаб номадан ва аз бар накардани мавзуъҳои барномаи таълимии фан дар як давраи академӣ (**Term, семестр**) ба вуқуъ омада, нисбат ба донишҷӯёни дарсшикан ва мавзуъҳои аз бар накарда дар асоси бандҳои 26,42,49,51,72,131,141-и Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи он ба амал бароварда мешавад.

131.Дар ташкил ва гузаронидани сабақгардонӣ садорати факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва омӯзгорони фаннӣ масъул мебошанд. Сабақгардонӣ пас аз соати $14^{00}$ дар рӯзҳои навбатдории

омӯзгор, мутобиқи ҷадвали батасвибрасонидаи кафедра гузаронида мешавад.

132.Маблағи сабақгардонӣ бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ ва дар асоси «Низомнома оид ба сабақгардонии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муайян карда мешавад.

133.Дар ҳолатҳои узрнок донишҷӯ ҳуқуқи ба таври ройгон сабақгардонӣ карданро дорад, ки ин ҳолатҳоро «Низомнома оид ба сабақгардонии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муқаррар менамояд.

Низономаи мазкур ҳамчунин ташкили корҳоро оид ба сабақгардонии донишҷӯён дақиқ менамояд.

## 14.Тартиби хориҷ, барқароркунӣ ва интиқоли донишҷӯ

134.Донишҷӯе, ки аз рӯи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос) аз се ва зиёда фанҳои ҳатмӣ баҳои F (ғайриқаноатбахш) мегирад, дар асоси пешниҳоди Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар мувофиқа бо садорати факултет бо фармоиши ректор аз сафи донишҷӯёни Донишгоҳ хориҷ карда мешавад. Донишҷӯ баъд аз як давраи академӣ (семестр) ҳуқуқи барқарор шуданро дорад.

135.Донишҷӯ аз Донишгоҳ бо хоҳиши худ, вазъи саломатӣ ва ё дар сурати риоя накардани Оинномаи Донишгоҳ ва Қоидаҳои тартиботи дохилӣ хориҷ карда мешавад.

136.Донишҷӯ дар ҳолати аз як фанни ҳатмӣ (фанни барои ихтисоси ӯ асосӣ) се маротиба баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан, бе ҳуқуқи барқароршавӣ ба ин самт (ихтисос) хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба дигар самт (ихтисос)-е, ки омӯзиши фанни мазкур тибқи талаботи нақшаи таълимии он ҳатмӣ нест, барқарор шавад.

137.Донишҷӯе, ки холи умумии миёнаи (GPA)-и ӯ аз рӯи ҳамаи фанҳои таълимӣ аз холи умумии миёна (GPA)-и дар банди 57-и Низомномаи мазкур муқаррашуда, паст мебошад, дар курсаш такроран мононда мешавад. Яъне, донишҷӯ метавонад дар курси муайян якчанд маротиба такроран таҳсил намояд.

138.Донишҷӯ новобаста аз гузаштани муҳлат пас аз хориҷшавӣ, то оғози семестр ҳуқуқи барқароршавӣ дорад. Шарти ҳатмии гум накардани ҳуқуқи барқароршавӣ ба итмом расидани як семестр мебошад. Миқдори кредитҳое, ки донишҷӯ то давраи хориҷшавӣ соҳиб гаштааст, ҳангоми барқарор шудани ӯ пурра ба инобат гирифта мешаванд. Донишҷӯе, ки хориҷ шудааст, метавонад ба ихтисос ва курси мувофиқ барқарор шавад, дар сурате, ки пешталаботи барои ин курс ё ихтисос муқарраршуда дар транскрипт (маълумотномаи академӣ)-и ӯ дарҷ ёфта бошанд.

139.Барқароркунии донишҷӯён дар як соли таҳсил дар ду давра (дар давраи таътили тобистона то 25 август ва дар давраи таътили зимистона то 25 январ) сурат мегирад. Раёсати Донишгоҳ фармоишро

оид ба барқароршавии донишҷӯ то оғози машғулиятҳои дарсии ҳафтаҳои таълими назариявии давраи академӣ (семестр) ба имзо расонида, ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки ба фанҳои дар давраи нави академии соли таҳсил тадрисшаванда номнавис шуда, нақшаи таълимии фардии худро таҳия намояд.

140.Дар мавриди барқароршавии донишҷӯ ба ин ё он курс ва ё гузаштан ба дигар ихтисос ҳаҷми кредитҳои фанҳои таълиме, ки аз рӯи онҳо қарзи академӣ ё фарқият месупорад, бояд аз 18 кредит (бо назардошти кредитҳо (воҳидҳои санҷишӣ)-и фанҳои ҳатмӣ) зиёд набошад. Донишгоҳ дар муайян намудани фарқият аз рӯи ҷузъи интихобии нақшаҳои таълимӣ самт (ихтисос)-ҳо мустақил аст. Муҳлати супоридани фарқият (бо назардошти ташкил ва гузаронидани триместр) на камтар аз як соли таҳсил муқаррар карда мешавад.

141.Тартиби барқароршавӣ:

Донишҷӯ ба номи ректори Донишгоҳ оид ба барқароршавӣ ариза пешниҳод менамояд. Ба ариза транскрипти донишҷӯ замима мегардад;

-Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ дар асоси транскрипти донишҷӯ курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунандаи Донишгоҳ муайян мекунад;

-дар асоси пешниҳоди садорати факултет Ректори Донишгоҳ фармоишро оид ба барқароршавии донишҷӯ  ба имзо мерасонад.

142.Тартиби интиқоли донишҷӯ аз дигар муассиаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ба Донишгоҳ ба ва аз низоми таҳсилоти анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври зайл сурат мегирад:

-донишҷӯ ба номи Ректори Донишгоҳ, ки ӯ ба он интиқол шудан мехоҳад, ариза пешниҳод менамояд. Ба ариза транскрипти донишҷӯ замима мегардад;

-садорати факултет якҷоя бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи самт (ихтисос)-е, ки донишҷӯ хоҳиши ба он интиқол ёфтанро дорад, муайян мекунад;

-дар асоси пешниҳоди садорати факултет, якҷоя бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ ва дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба таълим фармоиши Ректори Донишгоҳро оид ба интиқоли донишҷӯ ба имзо мерасонад;

-аз ҷониби Донишгоҳ дар муҳлати се рӯз пас аз ба имзо расонидани фармоиш дар бораи интиқол ёфтани донишҷӯ ба муассиаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ, оид ба интиқоли парвандаи шахсии донишҷӯ дархост фиристода мешавад.

- 143.Тартиби интиқоли донишҷӯ аз низоми анъанавии таҳсилот ба низоми кредитии таҳсилот:

-донишҷӯ ба номи Ректори Донишгоҳ оид ба гузариш ариза пешниҳод менамояд, ба ариза нусхаи дафтарчаи имтиҳонӣ замима мегардад;

-баҳоҳои тибқи низоми анъанавии таҳсилот дар рафти азхуд намудани барномаҳои таълимии фанҳо бадастовардаи донишҷӯ ҳамчун

эквиваленти ифодаи ададии холҳо тибқи низоми холдиҳӣ-рейтингии технологияи кредитии таълим амалкунанда ба инобат гирифта мешавад;

- санҷишҳои супоридаи донишҷӯ ҳамчун эквиваленти баҳои миёнаи давраи таҳсил намудани ӯ ҳисоб карда мешавад;

- ба сифати фанҳои интихобӣ фанҳои дар нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и низоми кредитии таҳсилот дохил набуда, ба инобат гирифта мешаванд;

-дар асоси бандҳои зикршуда, садорати факултет якҷоя бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ (ё дар ҳолати интиқол аз низоми анъанавии Донишгоҳ ба низоми таҳсилоти кредитии дигар муассисаи таҳсилоти олии касбии Маркази бақайдгирӣ ва машваратии муассисаи таҳсилоти олии касбии қабулкунанда) курси таҳсил ва фарқиятро аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунанда муайян мекунад;

144.Тартиби интиқоли донишҷӯён дар дохили Донишгоҳ:

-интиқоли донишҷӯ аз як шакли таҳсил ба шакли дигари таҳсил ё аз як ихтисос ба ихтисоси дигар дар ду давра (дар давраи таътили тобистона ва таътили зимистона) сурат мегирад;

-фармоиши донишҷӯи гуруҳҳои шартномавӣ оид ба интиқол аз як шакли таҳсил ба шакли дигари таҳсил ё аз як ихтисос ба ихтисоси дигар пас аз пардохти маблағи таҳсил аз тарафи Ректори Донишгоҳ ба имзо расонида мешавад.

-донишҷӯ ба номи ректор оид ба гузариш ариза месупорад. Ба ариза транскрипти донишҷӯ (ё нусхаи дафтарчаи имтиҳонӣ) замима мегардад;

- садорати факултет дар мувофиқа бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ, ки донишҷӯ ба ин ихтисоси факултет интиқол мешавад, курс ва фарқиятро аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и амалкунанда муайян мекунанд;

- садорати факултет дар мувофиқа бо Маркази бақайдгирӣ ва машваратӣ фармоиши Ректори Донишгоҳро оид ба интиқоли донишҷӯ аз як ихтисос ба ихтисоси дигари таҳсил ба имзо мерасонад.

145.Ҳангоми интиқол ё барқароршавии донишҷӯи Донишгоҳ аз низоми анъанвии таҳсилот ба низоми кредитии таҳсилот баҳои миёнаи умумии донишҷӯ танҳо аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дар низоми анъанавии таҳсилот супоридаи ӯ муайян карда мешавад. Натиҷаи санҷишҳои дар низоми анъанавии таҳсилот азхудкардаи донишҷӯ ба натиҷаи баҳои миёнаи аз рӯи имтиҳонҳо муйяншуда таъсир намерасонад.

146.Донишҷӯе, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таҳсил мекунад, ҳуқуқ дорад, ки дар асоси озмун ба ҷои холии ихтисоси дигаре, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, интиқол ёбад. Дар ин сурат ӯ бояд тамоми давраи гузаштаи таҳсилро дар Донишгоҳ бо холҳо (ё баҳоҳо)-и ба тафриқаҳои ифодаи ҳуруфии баҳоҳои «А» ва «В» баробар (эквивалент) ҷамъбаст карда бошад.

## 15.Пардохти маблағи таҳсили Донишгоҳ

147.Ҳаҷми маблағи таҳсил, ки барои як соли таҳсил ба ҳар як донишҷӯ рост меояд ва дар асоси сметаи хароҷоти Донишгоҳ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ҷиҳати ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, тарбиявӣ муайян карда мешавад, аз арзиши аслии ташкили раванди таълим аз рӯи самт (ихтисос)-ҳои алоҳида вобаста аст. Новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва ғайриройгон) арзиши аслии як кредит (як воҳиди санҷишӣ) ҳамчун маблағи пардохти таҳсили солона нисбат ба миқдори кредитҳои пешбинишудаи соли таҳсил, муайян карда шуда, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ, тасдиқ карда мешавад.

148.Донишҷӯёни курси аввал маблағи солонаи таҳсилро пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои қабул то 25 август пардохт менамоянд.

149.Донишҷӯёни курсҳои болоӣ маблағи таҳсили солонаро вобаста ба миқдори кредитҳое, ки дар нақшаҳои таълимии фардӣ нишон дода шудаанд, дар ҳар як давраи академӣ пардохт менамоянд.

150.Дар мавриди аз ин ё он фан баҳои F (ғайриқаноатбахш) гирифтан, донишҷӯ онро пас аз пардохти маблағи иловагӣ (вобаста ба миқдори кредитҳое, ки тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и мазкур барои омӯзиши ин фан ҷудо шудааст) новобаста аз шакли таҳсил (ройгон ва ё ғайриройгон) аз нав омӯхта, имтиҳон месупорад.

151.Донишҷӯ барои дарсшиканӣ ва аз худ накардани мавзуи фанни таълимӣ бояд бо пардохти маблағи сабақгардонӣ, ки онро «Низомнома оид ба сабақгардонии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муайян кардааст, вазифадор аст.

## 16.Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои донишҷӯи Донишгоҳ

152.Ҳангоми тартиб додани нақшаи таълимии фардии худ донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки қоидаҳои дар Низомномаи мазкур дарҷёфтаро қатъиян риоя кунад:

-дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як семестр рост меояд;

-номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми на камтар аз 60 кредит дар як соли таҳсил.

153.Донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба шумораи фанҳое, ки ҳаҷми умумии меҳнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 60 кредитро ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ ӯ метавонад Донишгоҳро пеш аз мӯҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқarrаргардида хатм намояд.

154.Донишҷӯи тибқи шартнома таҳсилкунанда ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи имконият ва хоҳиши худ дар нақшаи таълимии фардӣ миқдори фанҳоро дар ҳаҷми аз 60 кредит камтар дарҷ намояд. Дар ин

сурат мӯҳлати таҳсил намудани ӯ дар Донишгоҳ нисбат ба мӯҳлати таҳсили тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида, зиёд мешавад.

155.Дар давраи таҳсил донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд ва соҳиби малакаву маҳорат, салоҳиятнокии касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда гардад.

Талаботи Оиннома, Низомномаи Донишгоҳ, Низомномаҳои фаъолияти донишҷӯро ба танзим дароваранда ва Қоидаҳои тартиботи дохилидонишгоҳиро риоя намояд.

156.Дар сурати риоя накардани талабот нисбат ба ҳуқуқ, ухдадорӣ ва вазифаҳои худ донишҷӯён ва магистрҳои факултетҳои Донишгоҳ тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ қабул ва тасдиқ шудааст, ба онҳо муҷозоти интизомӣ муқаррар карда мешавад.

## 17. Ҳуқуқ, вазифа ва ухдадориҳои омӯзгорон дар татбиқи ин Низомнома

157.Омӯзгорон ба сифати таълимдиҳанда дар раванди иҷрои ин Низомнома ҳуқуқ, вазифа ва ухдадориҳои зеринро доро мебошанд:

-раванди азхуд намудани барномаи таълимии фанҳоро бо маҷмуаи таълимию методии фан (барномаи таълимӣ, барномаи кории фан (Sellabus), матни васеи лексияҳо, саволномаҳои тестӣ, мавзуъ ва шаклҳои иҷро намудани корҳои мустақилона (корҳои мустақилонаи донишҷу бо роҳбарии омӯзгор ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ), рӯихати адабиёти таълимию илмӣ, барномаҳои машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинарӣ, барномаҳои таҷрибаомӯзиҳо ва ғайра таъмин намоянд;

-ба машғулиятҳои дарсӣ сари вақт ва бо омодагии пурра ҳозир шуда, ташкил ва гузаронидани онҳоро пурра ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ мутобиқ гардонад ва иҷрои талаботи нақшаҳои таълимии самт (ихтисос)-ҳоро ба роҳ монанд;

-ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ самаранок истифода барад;

-дар вақтҳои фориғ аз машғулиятҳои дарсӣ дар кафедра, китобхонаи Донишгоҳ (дар шакли иҷрои талаботи ҷадвали навбатдории омӯзгорони кафедра) қабули корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро ба роҳ монда, назорати иҷрои онро таъмин гардонанд;

-ҷиҳати ба саволҳои донишҷӯён ҷавоб гардонидан (дар шакли дар алоқа бо донишҷӯ будан) дар баробари истифода кардан аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар давоми шабонарӯз пурра мувофиқат намоянд;

-барои дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтингҳои 1 ва 2) ва ҷамъбастӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ масъулият доранд;

-маҳорат, малака ва салоҳиятҳои касбии хешро оид ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот тадриҷан такмил бахшад;

-дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои ба табиқи низоми кредитиии таҳсилот дар Донишгоҳ алоқаманд фаъолона ширкат варзанд;

-тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармоишҳои ректори Донишгоҳ итоат ва дар ҳолатҳои нодуруст ба имзо расонидан нисбат ба онҳо шикоят кунанд;

-дар кори конференсияҳои илмию амалӣ ширкат варзанд.

-ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии кормандони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон) роҳбарӣ намуда, дар офариниши ихтисосҳои нав дар пояи дастовардҳои илми муосир ва натиҷаҳои корҳои илмии кафедра саҳм гузоранд;

-ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, лоиҳа (кор)-ҳои курсӣ ва дипломӣ роҳбарӣ намуда, дар ташкили кори Ҷамъияти илмии донишҷӯён, конференсияҳои илмӣ ва ҷалби донишҷӯён ба таҳқиқотҳои илмии марбути масъалаҳои кафедра саҳм гузорад;

-дар гузаронидани чорабиниҳои таълимию тарбиявии кафедра, факултет ва Донишгоҳ иштирок кунанд.

-дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ саҳм гузоранд.

158.Дар сурати риоя накардани талаботи Оиннома, Низомномаҳои фаъолияти омӯзгорро ба танзим дароваранда дар самти иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ нисбат ба омӯзгор тибқи Кодекси меҳнат ва дигар асноди меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, ки дар Донгишгоҳ амал мекунад, дар асоси пешниҳоди Комиссияи ҳавасмандгардонӣ ва таъини муҷозот ба онҳо ҷазои интизомӣ таъин карда мешавад.

## 18.Муқаррароти хотимавӣ

159.Иҷрои талаботи бандҳои Низомнома аз ҷониби донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон, докторантон, ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, роҳбарони қисмҳои таркибӣ ва воҳидҳои сохтории Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.

160.Дар мавриди риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур, тибқи Оинномаи Донишгоҳ донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон, докторантон, фаъолияти меҳнатии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ба муҷозот пешниҳод карда мешаванд.

161.Низомномаи мазкур баъди баррасӣ дар Шӯрои Олимон ва ба тасвиб расидани қарори он ва фармоиши Ректори Донишгоҳ мавриди амал қарор мегирад.

162.Низмономаи мазкур бо қарори Шӯрои олимон бекор карда шуда, ба он тағйироту иловаҳо ворид мегардад.

Замимаи 1

## Меъёри тақсимоти кредитҳо

Миқдори умумии кредитҳо барои ба анҷом расонидани барномаи зинаи таҳсилоти бакалавриат (муҳлати таҳсил 4 сол) – 210+30 кредит; аз он ҷумла:

| | |
|---|---|
| Омӯзиши назариявӣ дар 4 сол-210 кредит ба истиснои дарси варзиш, машғулиятҳои факултативӣ ва тайёрии ҳарбӣ. | Таҷрибаи омӯзгорӣ дар курси 3 (6 кредит), дар курси 4 (6 кредит) ҷамъ 12. Таҷрибаҳои таълимӣ вобаста ба талаботи нақшаҳои таълимии ихтисос 6 кредит дар солҳои таҳсили нақшаи таълимии ихтисос муқаррарнамуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Оид ба омодагӣ ба таҳияи кори хатмкунии бакалавр якҷоя бо марҳалаи гузаштан аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ – 12 кредит. Дар маҷмуъ 30 кредит фаъолияти ғайриаудитории ҳатмии донишҷӯро ташкил медиҳад. |

Замимаи 2

## Меъёри тақсимоти кредитҳо

Миқдори умумии кредитҳо барои ба анҷом расонидани барномаи зинаи таҳсилоти бакалавраит (ё мутахассис) (муҳлати таҳсил 5 сол)– 270+30 кредит. Аз он ҷумла:

| | |
|---|---|
| Омӯзиши назариявӣ дар 5 сол - 270 кредит ба истиснои дарси варзиш, машғулиятҳои факултативӣ ва тайёрии ҳарбӣ. | Таҷрибаи омӯзгорӣ дар курси 4 (6 кредит), дар курси 5 (6 кредит) ҷамъ 12. Таҷрибаҳои таълимӣ вобаста ба талаботи нақшаҳои таълимии ихтисос 6 кредит дар солҳои таҳсили нақшаи таълимии ихтисос муқаррарнамуда ба ҳисоб гирифта мешаванд. Оид ба омодагӣ ба таҳияи кори хатмкунии бакалаври ихтисоси ҳамгиро (мутахассис) якҷоя бо марҳалаи гузаштан аз аттестатсияи ниҳоии давлатӣ – 12 кредит. Дар маҷмуъ 30 кредит фаъолияти ғайриаудитории ҳатмии донишҷӯро ташкил медиҳад. |